**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърих).**

Дар аввали асри XX дар низоми алоқаи Тоҷикистон низ таҷҳизот ва технологияи муосири инноватсионии воситаҳои алоқа ба роҳ монда шуда, дар ҷумҳурӣ дар ин соҳа истифодаи алоқаи муосири моҳворай барои рушди минбаъдаи он имкониятҳои навро ба миён овард.

Омӯзиши масъалаи мазкур ба он хотир зарурат касб мекунад, ки дар илми таърихнигории ватанӣ ҳанӯз масъалаҳои ташаккул ва рушди алоқа мутобиқ ба минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ амалан ба таври кофӣ тадқиқ карда, аз назари илмӣ, мушаххас ва ба таври маҷмӯӣ омӯхта нашудааст.

Мубрамияти мавзуи тадқиқшаванда дар он зоҳир мегардад, ки рушди шабакаи алоқа дар яке аз вилоятҳои калони ҷумҳурӣ дар давраи тадқиқшаванда, на танҳо баланд бардоштани иқтидори иқтисодии яке аз минтақаҳои ҷумҳуриро таъмин намуда буд, балки фаъолияти пурсамари соҳаи мазкур аҳамияти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ низ дошт. Зеро, дар натиҷаи сохтмони объектҳои алоқа аҳолии ҷумҳурӣ ба таври фаъолона ба сохтмони ҳаёти нави сотсиалистӣ ҷалб карда шудаанд.

Объекти таҳқиқотро фаъолияти воситаҳои шабакаҳои алоқаи вилояти Хатлон, инчунин ҷараёни барқароршавӣ ва рушди воситаҳои шабакаи алоқаи минтақа дар солҳои Шуравӣ, яъне дар солҳои 1924-1991-и асри XX ташкил медиҳад.

Чаҳорчуби замонии таҳқиқот солҳои 1924-1991-ро фаро мегирад, ки соли 1924 Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон таъсис дода шуда, соли 1991 Тоҷикистон истиқлолияти комилро ба даст овард, фаро мегирад.

Дар пешгуфтори рисола мубрам будани мавзуи таҳқиқот баён шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқ, чаҳорчӯби замонӣ ва ҷуғрофиёӣ, заминаҳои методологии таҳқиқот, пойгоҳи

сарчашмашиносӣ, навоварии илмӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, саҳми шахсии довталаби дарёфти дарачаи илмӣ дар ба даст овардани натичаҳои илмӣ, апробатсия ва сохтори диссертатсия муайян гардидаанд.

Навоварӣ ва мустақилияти фикрӣ, эчодкорӣ дар ҳама бахшҳои рисолаи илмӣ ба назар мерасад. Хулосаҳои муаллиф дар ҳамаи қисмҳои диссертатсия чолиби диққат ва шоёни таҳсин аст. Рисола аз чиҳати усулҳои илмӣ, мантиқӣ, услубӣ ва имлоӣ ба талаботи лозима чавобгӯ мебошад.

Боби аввали диссертатсия аз ду зербоб иборат буда, дар зербоби аввал доир ба ташаккул ва рушди минбаъдаи алоқаи почта ва дар зербоби дуюм оид ба таъсис ва фаъолияти шабакаҳои радио маълумотҳои саҳеҳ овардааст.

Дар боби дуюм, ки аз ду зербоб иборат аст, дар зербоби аввал дар бораи нақши телеграф ҳамчун воситаи алоқа дар ҳаёти ичтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии вилоят маълумот гирд оварда шудааст. Дар зербоби дуюм унвончӯй бештар дар бораи таъсис ва инкишофи алоқаи телефонӣ таҳ□и□оти илм□ бурдааст.

Дар охир муаллиф ба чунин хулоса меояд, ки рушд ва ташаккули воситаҳои алоқаҳои телеграфу телефонӣ ба тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёту ичтимоиёт ва сиёсату фарҳангии минтақаи омӯзиш таъсири калон расонида, маълумоти дар он овардашуда барои равшан намудани бисёр масоили номаълум ва баҳсталаби ин давра нақши арзандаи илмӣ мебозад. Яке аз арзишҳои ин маъхаз дар он зоҳир мегардад, ки воқеаҳои дар он инъикосгардида мушоҳидаҳои бевосита худи муаллифи асар мебошанд.

Автореферат кори илмии анчомёфта ба шумор рафта, муаллиф ба натичаҳои равшани илмӣ даст ёфтааст ва рисолаи илмии Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзуи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ЧШС Точикистон (солҳои 1924-1991)» барои

дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърих) пешниҳод шудааст, аз руйи ҳамаи меъёрҳо ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ буда ва муаллифи он Қурбонов М.М., барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (илмҳои таърих) сазовор мебошад.

Муқарриз,
дотсенти кафедраи таърихнигорӣ ва
архившиносии Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих Шарофуддинов С. С.

Имзои номзади илмҳои таърих, дотсент
С.С.Шарофуддиновро тасдиқ мекунам:
Сардори РК ва КМ ДМТ Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
Тел.: (+992-37) 221-62-25, (+992-37) 227-15-10
Факс: (+992-37) 227-15-10
E-mail: info@tnu.tj

17.01.2023